*Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА - 012*
*назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон,*
*(734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ,1/2)*

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Шарифова Дилором Мустафокуловна дар мавзуи «Такмили низоми танзими давлатии хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёти соҳаи хизматрасонӣ (08.00.05.01 - Савдо, хизматрасонии тиҷоратӣ ва маишӣ)**

Дар шароити муосир рушди иқтисодиёти инноватсионӣ ва рақамӣ, амали сохтани механизми ташкилию иқтисодӣ ва танзими низоми идоракунии соҳаҳою корхонаҳо ва пешниҳоду амалисозии хизматрасониҳо, аз ҷумла хизматрасониҳои маишӣ ба аҳолиро тақозо менамояд. Аз таҳқиқҳо бар меояд, ки рушди соҳаи хизматрасонӣ ва хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ аз баҳисобгирии омилҳои гуногуни демографӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҷуғрофӣ, техникӣ, технологӣ ва омили вақт вобаста буда ба динамикаи маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва минтақавӣ, тағйирёбии қонеъ гардонидани талабот ба мол ва хизматрасонӣ, вазъи шуғл, сатҳи даромади сокинон, буҷети давлатӣ, рушди минтақаҳо ва муносибатҳои байналмилалӣ таъсири назаррас мерасонад.

Вобаста ба ин пешбурди таҳқиқи маҷмуӣ ва ҳалли масъалаҳои назариявӣ ва амалии ташаккули консепсияи таъмини рушди соҳаи хизматрасонӣ, аз ҷумла хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ, беҳтарсозии фазои инвеститсиониро дар мамлакат, баландбардории самаранокии трансформатсияи амонатҳо дар сармоягузории воқеӣ, ҷалб намудани сармоягузорони хориҷӣ гузаронидани таҳқиқотҳои суроғавиро дар бар мегирад. Аз тарафи дигар таҳқиқи масъалаҳои рушди низоми танзими давлатӣ дар рушди соҳаи хизматрасонию хусусан хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ мубрам аст Дар ин радиф мушкилот ҷиҳати самтҳои такмили низоми танзими давлатӣ ҳангоми расонидани хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ бо назардошти аҳамияти иҷтимоии он дар Тоҷикистон ва вилояти Хатлон то ҳоло ба таври пурра омӯхта нашудааст. Бо назардошти ин мубрамияти рисолаи номзадии Шарифова Д.М. бебаҳс аст.

Аз баррасии автореферат бар меояд, ки дар рисола дар сатҳи зарурӣ асосҳои консептуалии рушди соҳаи хизматрасонӣ, барои таъмини рушди иқтисодии низоми иқтисодиёти бозорӣ дида баромада шуда, ҳамчунин

равишҳои назариявӣ ва хусусиятҳои истифодаи онҳо дар соҳаи хизматрасонии мамлакат ва хизматрасонии маишӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ аниқ карда шуда баҳо дода шудааст.

Диққати асосӣ дар рисола ба муайян намудани хусусиятҳо ва масоили низоми танзими хизматрасониии маишӣ ба аҳолӣ дода шуда самтҳои асосноки амалисозии онҳо бо назардошти такмили низоми хизматрасонӣ ба аҳолӣ банақшагирию идоракунии он ҳангоми таъмини рушди иқтисодиёти инноватсионӣ сурат гирифтааст.

Дар рисола бо истифодаи маводҳои саҳеҳ таҳлили вазъи хизматрасонии пулакию маишӣ ба аҳолии Тоҷикистон ва вилояти Хатлон гузаонида шуда камбудиҳои ҷойдошта аниқ карда шудааст. Инчунин дар асоси гузаронидани назарсанҷишҳо омилҳои таъсиррасон муайян ва баҳо дода шуда амсилаи фаъолгардонӣ дар соҳаи хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ бо истифодаи таҷрибаи ҷаҳонӣ ҳангоми хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ пешниҳод гардидааст.

Таҳияи консепсияи минтақавии низоми танзими давлатии хизматрасонии маишӣ бо назардошти механизми дастгири давлатӣ ва танзими хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар асоси баинобатгирии хусусиятҳо, нақши механизми шарикию давлатӣ ва бахши хусусӣ ҳангоми расонидани хизматҳои дорои аҳамияти иҷтимоӣ, созмон додани комплекси ягонаи хизматрасонии маишии дастраси пиёдагардӣ ба аҳолӣ ва идоракунии он такмил дода шудааст.

Дар рисола самтҳои афзалиятноки такмили низоми танзими давлатӣ ва худтанзимкунӣ, ҳангоми расонидани хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ бо истифодаи натиҷаи амсиласозии бисёромилаи иқтисодию риёзӣ, истифодаи Веб-хизматҳо, технологияи муосири рақамӣ, дастгирии ҳуқуқӣ, ташаккули зерсохтори оқилонаи дастгирии соҳибкории хурду миёна дар соҳаи хизматрасонии маишӣ ба аҳолии вилояти Хатлон то соли 2030 асоснок ва пешниҳод карда шудааст.

Новобаста ба бартариятҳо автореферат дорои камбудиҳо мебошад. Дар автореферат на ҳамаи афзалиятҳои таҷрибаи ҷаҳонии изматрасонии маишӣ ва низоми танзими он дида баромада нашудааст. Инчунин баъзе аз самтҳои такмили низоми танзими давлатӣ ҳангоми расонидани изматрасонии маишӣ ба аҳолии вилояти Хатлон ба пуррагӣ дар автореферат шарҳ дода шудааст.

Камбудиҳои пешниҳод гардида ҷузъӣ буда, мазмун ва баҳои воқеии рисоларо тағйир намедиҳанд.

Автореферат ва корҳои чопшуда ба пуррагӣ сохтори рисоларо дар бар мегиранд.

Дар маҷмӯ, таҳқиқи диссертатсионӣ дар мавзуи «Такмили низоми танзими давлатии хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» пешниҳод гаштааст, рисолаи илмии анҷомёфта буда дорои хислату мазмуни илмию амалӣ мебошад ва ба талаботи Низомномаи

Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст. Муаллиф Шарифова Дилором Мустафоқуловна сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёти соҳаи хизматрасонӣ (08.00.05.01 - Савдо, хизматрасонии тиҷоратӣ ва маишӣ) мебошад.

Ходими пешбари илмии
Шуъбаи моделсозии риёзии
протсессҳои динамикии
Маркази рушди инноватсионии илм
ва технологияҳои нави АМИТ, н.и.и. Расулов С.

*Суроға: 734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33.*
*E-mail: cidsnt@mail.ru*

Имзои Расулов С.-ро тасдиқ мекунам.
Нозири калони кадрҳо: Сангинова С.Б.